Хотираи инсон-муқаддас

# Дунёи дўстӣ

Дар ин рўзҳо, ки 60-солагии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон қайд мегардад, ёдкарди шахсоне, ки дар бунёд ва рушди ин даргоҳи мўътабари илму фарҳанг саҳми босазо гирифтаанд, на фақат савоб, балки муҷиби ифтихор ҳам ҳаст. Ин навиштаи мо ифодагари ҳамин маънист.

Улуғ Ғуломов донишманди шинохтаи физика инсоне буд, ки дар соҳаи пажўҳиш ва таълим истеъдод ва салоҳияти ба худ хосе дошт.

Ман ўро аз соли 1956 мешинохтам. Мо зуд бо ҳам унс гирифтем ва то охирин рўзҳои ҳаёташ ҳамкору ҳамфикр, дўстони қадрдон будем. Фаъолияти илмӣ ва ташкилотчигии олим асосан бо Пажўҳишгоҳи физикаи ядроии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон пайванд буд. Пажўҳишгоҳи мазкур он солҳо дар тайёр намудани кадрҳои лаёқатнок барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ҷумҳуриҳои дигар нақши муҳим мебозид. Дар ин кор баробари Убай Орифов ва Содиқ Азимов саҳми Улуғ Ғуломов низ бузург буд.

Вай аз ҷумлаи он олимони фидоие буд, ки дар соҳаи физикаи ядроӣ навигариҳо кашф кардаанд ва ба рушду инкишофи ин ҷабҳа ҳисса гузоштаанд. Ў ба масъалаҳои бевосита аз нируи дар натиҷаи пошхўрдани ядро ҳосилшуда гирифтани энергияи электр ва истифодаи он ҳангоми саёҳати байни сайёраҳо машғул гардид.

Олим бо қобилияти баланди тафаккури худ, соҳати дониши хеш аз ҳамсолон ва бисёр ҳамзамононаш фарқ мекард, танҳо донишманди илми физика набуд, балки фанҳои адабиёт, таърих, сиёсат, ҷуғрофия ва ғайраро низ хеле хуб медонист.

Улуғ Ғуломов инсони ҳалим, дилсофу меҳнаткаш буд ва ашхосеро, ки чунин хислатҳо доштанд, эҳтиром мекард, онҳоро то ҷое, ки имконпазир буд, дастгирӣ менамуд.

Барои исботи ин фикр мехоҳам воқеаеро нақл намоям. Тахминан солҳои 1968-69 буд. Ман ҳамроҳи фарзандон аз Тошканд ба Самарқанд равона будам. Дар роҳи байни ноҳияҳои Ғаллаарал ва Булунғур мошини мо вайрон шуд. Ҳаво бағоят гарм буду ман дар таъмири мошин балад набудам. Аз куҷое бо мотосикли аробачадор капитани милиса омада монд. Баъд аз ҳолу аҳволпурсӣ, мошинро муоина намуду ҷои харобшудаи онро пайдо кард ва:—Муаллим, ман барои пайдо кардани қисми зарурӣ ба Булунғур рафта меоям, вагарна шумо бо кўдакон дар ин гармо азият мекашед», гуфт ва равона гардид. Аз ҷои воқеа то Булунғур 20 километр роҳ. Ў баъди муддате баргашта омад, мошинро таъмир карду музде нагирифта, ба мо роҳи сафед талабид ва аз паи кораш рафт. Улуғ ин ҳикояро шунида: « дўсти азиз, бо одами аҷибе вохўрдаӣ, вайро албатта ёфтан ва хурсанд кардан лозим. Агар ин гуна одамон зиёд бошанд, ҳаёти мо хеле осон ва муназзам мегардад» гуфта буд. Баъд аз чанд рўз Улуғ Ғуломов ва ман бо коре ба Самарқанд равона шудем. Пас аз ба Самарақанд расидан мо ба идораи назорати давлатии автомобили вилоят даромадем Дўстам ба сарвари он саргузашти маро нақл кард. Ҳар ду аз ў хоҳиш кардем, ки аз номи олимон ба он ходими хайрхоҳ ташаккур гўяд ва агар имконпазир бошад, рутбаи он капитанро ба як дараҷа бардорад. Сонитар мо боз як бор бо он ходими милиса вохўрдем. Ин дафъа рутбаи ў майор буд. Ана ҳамин тариқ, дўсти ман дар роҳи равони худ тухми некӣ мекошт.

Фазилатҳои ба қадри дўст расидан, нисбати дўст вафодор будан ва ҳифз намудани дўстиро аз Улуғ Ғуломов омўхтан мумкин буд.

Самимияти рафиқи азизи моро нисбати дўст метавонед аз ин соядасте, ки дар китоби Ғафур Ғулом иншо намудааст, идрок намоед:

«Дўстам Шавкат! Дар ин китоб як қисми ашъори падари ман гирдоварӣ шудааст. Дар байни ин шеърҳо шояд сатрҳои ба дўстӣ бахшидашуда ҳам бошанд. Ба ту барои дўстиат ташаккур, зеро сарвати ягонаи инҷаҳонии ман, бидуни фарзандонам, ҳамин аст».

Вай нисбати оила хеле меҳрубон буд. Ҳамсараш Дилдорхонро зиёда эҳтиром менамуд. Ҳатто бачагони маҳалла низ муаллим Улуғро беҳад дўст медоштанд ва ба ў эркагӣ мекарданд.

Хизматҳои Улуғ Ғуломов бархадар нарафтанд. Вай бо унвони арбоби шоистаи илми Ўзбекистон, ҷоизаи Давлатии ба номи Берунӣ сарфароз гардид.

Аз ҳама муҳимаш ў сазовори эҳтиром ва эътибори халқ буду ҳаст.

**Шавкат ВОҲИДОВ,**
**академики Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

# Ҳамкорӣ

***Дар шаҳри Мюнстери Олмон конфронс дар мавзўи «Алоқаҳои ҳиндуолмонӣ ва ғайриҳинду олмонӣ дар забон ва адабиёт», ки Донишгоҳи Вестфал ба номи Вилгелм якҷоя бо Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи Улуғбек ташкил дода буд, ба амал омад.***

Онро хизмати мубодилаи академӣ аз ҷиҳати маблағ таъмин кардааст. Дар конфронс муаллимону аспирантҳои Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи М. Улуғбек ва Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд ҳузур доштанд.

Аз рўи ҷамъбасти конфронс дар бораи ҳамкории байни Донишкадаи филологияи Олмони Донишгоҳи Вестфал ва факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи миллии Ўзбекистон шартнома баста шуд.

Мувофиқи шартнома то соли 2006 ба якдигар фиристондани магистр ва аспирантҳо (2 касӣ) бо мўҳлати 2 семестри таълимӣ дар назар дошта шудааст. Ба якдигар бо мақсади бурдани корҳои тадқиқоти илмӣ, дарсдиҳӣ фиристодани муаллимону олимон яке аз асосҳои ин ҳуҷҷати муҳим мебошад. Ба Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи Улуғбек маводи таълимӣ бепул фиристонда мешавад. Ғайр аз он аз хазинаи донишгоҳи Мюнстер барои ба амал баровардани лоиҳаи якҷоя ба миқдори 20 ҳазор евро низ дода хоҳад шуд. Тарафҳо қарор доданд, ки моҳи сентябри соли 2006 дар Тошканд оиди масъалаҳои забон ва адабиёт конгресси якҷоя гузаронда шавад.

**«Ҷаҳон».**

***Дар арафаи рўзи омўзгорон собиқ хонандаи литсейи рақами 2, духтараки шоиртабъ Зулхумор Сиддиқова, ки навакак аз ин даргоҳи муқаддас ба шаҳри Фарғона рафта, дар яке аз маскани дониш аз рўи ихтисоси пизишкӣ таҳсил мекард, ташриф фармуда, ҳамаи устодонро ба рўзи муборакашон табрик намуда буд. Аз чеҳраи шукуфони ин духтараки сўхӣ аломати ризомандии ўро нисбати устодони ин маскан баръало пайхас мекардем. Ў бо табассум сухан мегуфт. Дида аз дидори шогирд, ки гавҳари таҳи дилаш рў зада буд, сер намегашт. Нигоҳамро аз ў намекандаму аз дил мегузарондам, ки монанди ў шогирдони бешуморе аз ин даргоҳ парешон шуданд.***

***Литсейи рақами дуюми ноҳияи Сўх меваи истиқлол аст. Соли 1996 дар базаи мактаби рақами 3 ташкил ёфт. Ба он ҷавонмарди аз нахи илм вуҷудаш сиришта Баҳромҷон Ҳамроалиев сарварӣ мекунад. Соли аввал 50 нафар толибони илму ҳунар аз 16 нафар омўзгорони асил сабақ мегирифтанд. Алҳол дар ин маскани дониш 145 соҳибистеъдодҳо аз 25 нафар муаллимони олирутба таълиму тарбия мегиранд. Аз 14 нафар хатмкунандагони литсей 10 нафар ба донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ дохил шуданд, ки аз самараи заҳмати бардавоми омўзгорон гувоҳӣ медиҳад.***

***Сўҳбати мо бо директор Баҳромҷон Ҳамроалиев дар хусуси пешрафту пешомади шогирдон, ки оянадаи ҷамъият дар дасти ононанд, пайванд гардид. Директор бо факту рақам такя карда, лаб ба сухан кушод.***

Аз ҳаёти литсейҳо

# Парвози ахтаргир

—Бача гил асту мо кулолем. Онҳоро ба ҳар шакл медаровардагӣ омўзгоронанд. Хушбахтона, мо ба донишандўзони боқобилият сари кор дорем. Ногуфта намонад, ки аксар дастпарварони мактабҳои ноҳия умеди дар литсей таҳсил кардан доранд. Аз



имтиҳони сахти омўзгорон мегузаранд. Аз сараҳо саратарро ҷудо карда, ҳуқуқи дар литсей хонданро медиҳем. Модоме ки кор бо чунин сурат шакл меёбад, омўзгорро зарур аст, ки фанни худро чуқур омўзаду шогирдонро ҳаматарафа ба имтиҳони душвори ҳаёт омода созад. Фактҳои дар дастамон буда шаҳодат медиҳанд, ки кўшиши омўзгорон дар литсей дар сатҳи болост.

Соли ҷорӣ хонандагони синфи IX барои гирифтани ҷоизаи ҳокимият байни толибилмони ноҳия талош карданд. Дар чанд давра ғолиб баромада, дар ҷамъбасти моҳи май зафарманди мутлақ гардиданд. Инчунин собиқ хонандагони синфи XI литсей ҷоизаи дуюмро соҳибӣ карданд. Номҳои Бунёд Аминов, Ойбек Мамаҷонов, Ҳамроалӣ Ҳамроалиев (аз синфи XI), Иқбол Мўминов, Равшан Мўсоев (синфи IX), ҳамчун ғолиб дар сар то сари ноҳия паҳн гардиданд.

Соли сипарӣ дар озмуни навбатӣ литсейи 2 аз рўи тамоми фанҳо ҷои якумро соҳибӣ кард. Ҳамин азму талошҳои пай дар пай шуд, ки Умедҷон Усмонов, Шоҳид Аслонов, Removed Бобоҷон Гадоев (ҳоло ў донишандўзи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон) шарафи вилоятро баробари дигарон дар маркази ҷумҳурӣ — шаҳри Тошканд ҳимоя карданд. Боиси хушнудист, ки тоҷикписар Шоҳид Аслонов дар байни ўзбекон дар озмуни забони давлатӣ дар вилоят ҷои якумро соҳибӣ кард. Мо, аз бурди шогирдонамон фахр мекунем. Фахр аз он дорем, ки парвози баланди шогирдонамон ахтаргир аст.

Инони сўҳбатро ҷонишини директор оиди корҳои таълим, аълочии маорифи халқ Сидирхон Хўҷаев гирифта, сухани директорро тақвият дода, изҳори ақида кард:

— Албатта, дар пешравии шогирдон ҳиссаи омўзгорон калон аст. Онҳо аз 5 нафар муалими тоифаи олӣ Ҷамолиддин Эшонҷонов, Рустамҷон Камолов, Ихтиёр Мирзохўҷаев, Зайловиддин Темиров, Аскар Қурбонов, дорандаи медали «Шўҳрат» Ҳакимҷон Мирзокаримов, дорандаи ордени «Ситораи Сурх» Бурхонҷон Илёсов, Аълочиёни маорифи халқ Ҳамдамҷон Ҳамроалиевҳо сабақҳои ҳаётӣ мегиранд. Дарсҳои тамоми омўзгорон ғайрианъанавӣ буда, бисёртар гиреҳомезанд, ки кушодани чунин гиреҳҳоро худи толибони илм ба дўш гирифтаанд. Додоқостўра Қостўраев дар ноҳия яке аз аввалинҳо шуда дар шўъбаи дипломатияи ҷаҳони Донишкадаи шаҳри Тошканд бомуваффақият таҳсил мегирад. Литсей бо компютери замонавӣ ҷиҳозонида шуда, дорои блокҳои тести мактабҳои олӣ мебошад. Аз он толибилмон васеъ истифода мебаранд. Шогирди яке аз муаллимони ҷавони боистеъдод Додосармисоқ Сармисоқов хонандаи синфи 11-ум Умедҷон Усмонов пас аз ғолиб баромадан аз рўи тестҳои компютерӣ (дар вилоят) дар озмуни байналхалқӣ, ки дар шаҳри Тошканд шуда гузашт, яке аз ҷойҳои фахриро ишғол кард.

Дар соҳаи варзиш муваффақиятҳои литсей назаррасанд. Донишандўз Адҳам Шодиев меъёрҳои устоди варзиши ҷумҳуриро аз рўи волейбол иҷро намуда, ба имтиёз ба шўъбаи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии шаҳри Фарғона дохил шуд. Омўзгори тарбияи ҷисмонӣ, номзад ба устоди варзиш аз рўи бокс Боботилло Максимов чи дар дарсу чи дар маҳфили варзишӣ шогирдонро обутоб медиҳад. Шогирдони ў, боксёрон дар бозиҳои дар миқёси вилоят барпошуда хуб ҳунарнамоӣ карда, мухлисонро бо санъати зарба шод карданд. Боксёрон Машҳур Мирзоев, Салмон Ҳомидов (ҳар ду ҳам хонандагони синфи 8-и литсей) ба бозии навбатии байналхалқӣ ҳаматарафа омодагӣ мебинанд.

—Баробари дарсҳои пухта, инчунин дар литсей якчанд маҳфилҳо амал мекунанд, ки, — гуфт сухани С. Хўҷаевро афзуда ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои тарбия Абдуқаҳҳор Умарҷонов,—дар обутобёбии толибилмон шароити мусоид фароҳам меоваранд. Мунтазам фаъолият бурдани маҳфилҳост, ки чакидаҳои қаламкашон мунтазам дар рўзномаи «Садои Сўх» дарҷ мешаванд. Хонандагон дар «Маҳфили қаламкашон» нуқсони ҳамдигарро ёфта, ба бозёфтҳои эҷодӣ мерасанд. Дар озмуни «Оё шумо қонунро медонед?» (роҳбари маҳфил «Ҳуқуқшинос» З.Темиров) хонандагон, яъне ҳуқуқшиносони литсей ҷои якумро гирифтанд. Китобдўстони литсей бошанд, дар ноҳия ҷои аввал, дар вилоят ҷои дуввумро гирифтаанд, ки ин нишондоди хеле баланд аст. Дар комёбии шогирдон ҳиссаи омўзгорон М. Гадоев, китобдор Х. Хўҷаев бекиёс мебошад. Дар озмуни «Наврўз-2003» бошад, санъатдўстонамон бо барномаи аҷиб дар байни литсейҳою мактабҳои ноҳия зинаи дуюмро соҳибӣ карданд.





Барои аз ин баландтар парвоз кардани толибилмон дар литсей шароити мусоиди шабонарўзӣ мавҷуд. Хонандагон ҷор маҳал бо хўроки гарми гуногун таъминанд. Аз хўрокҳои болаззати Маъсуд Қурбонов, Оча Умарҷонова толибилмон қаноатманданд.

Имсол бо роҳи ҳашар се синфхона сохтем, ки дар қадкашии ин биноҳои зебо ҳиссаи наҷҷор-омўзгор Х.Мирзокаримов хеле калон.

— Сўҳбати мо дар арафаи маъракаи обуна ба рўзномаю маҷаллаҳо, — гуфт дўстдорандаи рўзномаи «Овози тоҷик» Баҳромҷон Ҳамроалиев, — идома дорад. Даставвал ба рўзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Садои Сўх» ҳамаи омўзгорону хонандагонро обуна карданием. Қатъӣ назар аз болоравии нарх обунашавӣ ба ин рўзномаҳо дар сатҳи болост. Дар ин маърака бо парвози баланд ахтаргиру дар ноҳия ахтари ягона шуданием.

Дар долони литсей ҳангоми танаффус ба толибилми синфи 10 ғолиби якчанд озмунҳо Равшан Мўсоев вохўрда, бо якчанд савол ба ў муроҷиат кардам.

—Ман ҳам ҳасад ва ҳавас мебарам ба овони мактабхонии ҳазрати Ҷомӣ ва ҳаммаслакони ў, ки устодонашонро дар ҳайрат гузоштаанд. Охир бесабаб «турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» намегўянд. Ман чӣ? Ҳоло ба чунин дараҷа нарасидаам. Ризо аз дониши худ нестам. Худомўзам. Дар ҳаёт идеали ман монанди панҷгонаҳо шудан аст. Он вақт парвози ман ба арш мерасаду ахтари орзуям метобад...

**Нодир НОДИРӢ.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар суратҳо: 1.*** *Директори литсейи рақами 2-и ноҳияи Сўх* ***Баҳромҷон Ҳамроалиев.*** ***2.*** *(Аз рост ба чап) нависанда, тарҷумон, муаллими забони англисӣ, дорандаи медали «Шўҳрат»* ***Ҳакимҷон Мирзокаримов****, аълочии маорифи халқ, муаллими забони ўзбекӣ, ҷонишини директор оид ба корҳои таълим* ***Сидирхон Хўҷаев****, омўзгори тоифаи олӣ аз фанни таърих* ***Зайлобиддин Темиров*** *дар озмуни зинаи аввал дониши толибилми синфи 11* ***Шоҳид Аслоновро*** *ҳамаҷониба месанҷанд.* ***3.*** *Муаллими тарбияи ҷисмонӣ* ***Боботилло Максимов*** *бо шогирдаш* ***Машҳур Мирзоев*** *ҳангоми машқ.*

# Болҳои сайёраи замин

## Аз 59 сония сар шудааст...

***Дар тақвими байналхалқии рўзҳои таърихии ЮНЕСКО 17 декабри соли ҷорӣ 100-солагии авиатсияи ҷаҳон қайд гардидааст. Пешоҳангони ин соҳа механик-конструкторони амрикоӣ мебошанд ва ҳавопаймоён, бародарон Райт-Уилбери 36-сола ва Орвили 32-сола будаанд. Маҳз 17 декабри соли 1903 (аз рўи тақвими нав) ду нафар ташаббускор ба воситаи самолёт-этажёркаи дорои двигатели дарунсўз бори аввал дар сайёра парвози муваффақиятнок ба амал оварданд, ки ҳамагӣ камтар аз 59 сония давом карда буд.***

Аз рўи ченакҳои имрўза ин ниҳоят ночиз аст. Аммо ҳар як сония аз лаҳзаи парвоз то ба замин фаромадан дорои аҳамияти таърихӣ буд, ки ба ин васила орзую омоли одамон — чун мурғҳо паридан ба фазо буд, амалӣ гашт. Дар баробари ҳамин бояд хотиррасон намоем, ки калимаи «авиа» аз лотинӣ гирифта шуда, тарҷимааш «мурғ» аст. Оре, бародарон Райт аввалин шуда ба ҳаво дар мурғи фўлодин парвоз намудаанд.

Аввалин самолёт дар дунё 25 сол пеш аз ҳамон парвози таърихӣ аз тарафи ихтироъкори рус, контр-адмирал Александр Можайский ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳанўз дар соли 1881 вай ба ихтироъ намудани «снаряди дар фазо парвозгар» имтиёз ба даст меорад. Он вақт аввалин аппарати худпарвозкунанда (самолёт)-ро, ки дар соли 1883 сохта мешавад, ҳамин тавр ном ниҳода буданд, аммо ин аппарат ба фазо парвоз карда натавонист...

Агар ба тақдири бародарон Райт назар афканем, бародари калонии Уилбер дар соли 1912 ба ҳалокат мерасад, Орвил бошад, 77 сол (то соли 1948) умр дида, шоҳиди тараққиёти нақлиёти ҳавоӣ мегардад. Ба ў мушоҳидаи эраи авиатсияи реактивӣ низ муяссар гардидааст.

Баъд аз аввалин парвози бародарон Райт дар соли 1905 дар Париж Федератсияи байналхалқии авиатсия (ФБА) ҷиҳати ба қайдгирии рекордҳои суръат, баландӣ, дурпарвозӣ ва борбардории аппаратҳои парвозкунанда таъсис меёбад. Алҳол ба ин федератсия беш аз 70 давлат аъзо шудаанд.

Дар Европа кори амрикоиҳоро франсавиён ва олмониҳо давом медиҳанд. Сокини Бразилия Алберт Сантос-Дюмон ҳанўз дар соли 1896 ба Франсия кўчида омада, ба сохтани дирижабл шурўъ мекунад ва соли 1901 дар атрофи манораи Эйфел ва дар соли 1906 ба Европа парвоз мекунад. Баъди сипарии се соли дигар конструкторони рус Яков Гакел ва Дмитрий Григорович конструксияҳои худро ба фазо парвоз менамоянд. Баъдтар Игор Сикорский ва Андрей Туполев ин соҳаро такмил бахшида, дар ибтидои солҳои бистум самолёти аввалини худро месозанд.

## Аз «Юнкерс»-ҳо то «Боинг»-ҳо

Вақте ки саҳифаҳои «Туркистанские ведомости»-ро варақ мезанем, мебинем, ки аввалин «этажёркаҳои парвозкунанда» дар кишвари мо ҳанўз дар соли 1912 пайдо шудаанд. Дар шакли ҷудо-ҷудо онҳоро пилот ва механикҳои русӣ ба воситаи поезд ба ин ҷо оварда буданд. Парвозҳои намоишӣ дар атрофи қисмати шарқии Тошканд, дар наздикии соҳили Чирчиқ ба амал меоянд, ки баъдтар дар ин ҷо аэропорт сохтаанд.

Боз ёздаҳ сол сипарӣ мешавад, дар кишвари мо шўъбаи минтақавии ҷамъияти ихтиёрии флоти ҳавоӣ— «Добролёт» ба вуҷуд меояд. Сохтмони иншооти асосӣ ва майдонҳои захиравӣ сар мешаванд ва ба ихтиёри вай бори аввал шаш «Юнкерсҳо» дода мешаванд. Мувофиқи хабари рўзномаи «Правда Востока» аз 3 маи соли 1924 бо хатти сайри Тошканд — Пишпек — Алмаато рейси техникӣ иҷро мегардад, 12 май—аввалин рейси пассажиркашонӣ ба амал меояд. Он самолётро лётчик В.Галишев идора мекард.

Ҳамин сана таърихи таъсис ва тавлиди авиатсияи гражданӣ дар кишвари Туркистон, аз ҷумла дар Ўзбекистон гардид. Баъдтар хатҳои парвози Когон — Тирмиз — Душанбе, сипас парвозҳои доимии аз Когон ба Тошҳавз ва Хева ташкил карда мешаванд. Баъди гузаштани ду сол хатти ҳавоии «Тошканд — Тирмиз — Кобул» ба вуҷуд меояд.

Солҳо мегузаранд, даҳсолаҳо сипарӣ мешаванд ва кишвари мо ба ҷумлаи мамлакатҳои пешқадами авиатсионӣ дохил мегардад. Дар ин ҷо аввал заводи таъмири самолётҳо, сипас заводи самолётсозӣ ба кор даромада буд. Чанде қабл 70-солагии заводи мазкур ҷашн гирифта шуда буд. Он гоҳ қайд гардид, ки заводи ТАПОиЧ дар намоишгоҳҳои байналхалқии аэрокосмикӣ низ иштирок намуда, бо ҳамкасбони худ дар Русия, ИМА, Британияи Кабир бомуваффақият ҳамкорӣ менамояд, ба мамлакатҳои гуногун модификатсияҳои гуногуни самолётҳои «ИЛ-76» ва «ИЛ-114» пешниҳод менамояд. Алҳол «Ўзбекистон ҳаво йўллари», ки дар дунё машҳур аст, мошинҳои парвозкунандаи худро аз ҳисоби «Боинг»-ҳо ва дигар лайнерҳои замонавӣ мукаммал менамояд ва ба даҳҳо давлатҳои дунё хатҳои нави ҳавоӣ барқарор менамояд. Имрўз дар мамлакати мо ба тайёр намудани кадрҳои флоти ҳавоӣ дар омўзишгоҳи Ҷиззах ва Донишкадаи авиатсионии Тошканд эътибори калон медиҳанд. Таи солҳои истиқлолият дар Ўзбекистон дар ин соҳа беш аз 1,2 миллиард доллари амрикоӣ ҷалб гардидааст. Ҳамаи ин маблағ барои тараққӣ додани авиатсияи гражданӣ дар Ўзбекистон ва инфрасохтори вай будааст.

**Ш.ЗАЙНИДДИНОВ.**

Дарси адабу ахлоқ

### Дод аз дасти зани ҷавону зани пир

Марди миёнсоле, ки риши ў сафеду сиёҳ буд, ду зан дошт. Яке аз ин ду зан ҷавон буд ва дигараш нисбатан солхўрдатар. Зани солхўрда намехост шавҳараш нисбат ба ў ҷавонтар бошад. Ва аз ин сабаб ҳар вақт шавҳараш наздаш меомад, ў мекўшид мўҳои сиёҳро аз риши ў биканад, то, ки мўҳои сафед бештар маълум шавад. Аз тарафи дигар зани ҷавон низ орзу дошт, ки шавҳараш ҷавонтар бошад. Ва рўи ин манзур ҳар вақт шавҳараш аз ў дидан мекард, зани ҷавон мўҳои сафедро аз риши шавҳар «дона-дона» меканд. Аз миён фурсати зиёде нагузашта марди бечора «кўса» шуд, аз риши хокистарранги ў на мўи сиёҳ монду на сафед.

### Дузд ва модар

Кўдаке китоби ҳамсинфонашро дуздида, ба хона овард. Модар китоби дуздидаи ўро дида, фарзандашро сарзаниш накарда «хуб кардаӣ, бачам, китобдуздӣ айб нест» — мегуфт дар куртааш нагунҷида. Рўзи дигар фарзандаш шердил шуда, соатеро дуздида ба хона овард ва мавриди навозиши бештар қарор гирифт.

Кўдак оҳиста-оҳиста ба болиғ мерасид, вале аз дуздӣ даст намекашид, чизҳои пурқиммати одамонро медуздид. Рўзе ўро дар болои дуздӣ доштанду дастонашро баста, ба таги дор оварданд. Модараш, ки аз пайи анбўҳи мардум меомад, гиря мекард ва бо сару рўи худ мезад. Писараш аз мардум иҷоза хост, то ки ба гўши модараш ҳарфе занад. Вақте ки модараш ба ў наздик шуд, гўши модари худро ба таҳи дандон гирифта, аз бехаш барканд. Модараш бо доду фарёд гуфт:

— Ўҳ... ту аз авлоди нохалаф ҳастӣ!

Писараш ҷавоб дод:

— Ту модари нохалаф ҳастӣ, агар сари вақт маро аз роҳ мегардондӣ, на дузд мешудам ва на ба чунин марги шармовар маҳкум мегардидам!

### Духтари ширфурўш

Духтари ширфурўшеро ҳикоят кунанд, ки сатили пур аз ширро барои фурўш аз деҳкада ба бозор мебурд. Ҳанўз фосилаи зиёдеро тай накарда буд, ки духтарак ба чунин тахаюлоти дуру дарозе дарафтод:«Ба пули ин шир ақаллан сесад дона тухм мехарам. Ин сесад дона тухм ақаллан як саду панҷоҳ дона ҷўҷа мебарорад. Вақте ки ин ҷўҷаҳо мурғ шаванд, қиматтар фурўхта, барои худ беҳтарин либос мехарам. Ин либосро дар рўзи ид пўшида ва ба он ҷое меравам, ки ҷавонони деҳкада гирд меоянд. Вақте ки ҷавонписарон ба чашми харидорона назар партофта, мехоҳанд майли издивоҷ кунанд, хоҳиши онҳоро рад мекунам». Вай, духтарак бо чунин орзуҳои ширин қадам мезад ва нохост пешпо хўрда, хурмаи шир аз дасташ афтида шикаст.

### Дарахти чормағз

Дарахти чормағзе, ки шохҳои он пур аз ҳосил буд, дар канори роҳе қад кашида буд. Дарахти чормағзро сангборон мекарданд, то ки тамоми меваашро резонда, ба бағал заннд. Дарахт аз ин вазъ нолаву фарёд карда, мегуфт: «Охир, ман чӣ бадӣ кардам, ки сангборонам мекунеду шохаву навдаҳои тарамро мешиканед. Магар хуб нест, агар ҳосиламро одамвор чида гиред?!»

### Қотил

Марде бегуноҳеро кушт. Бозмондагони мақтул қотилро, ки рў ба фирор бурд, таъқиб намуданд. Вақте қотил наздики рўди Нил расид, дид шере болои пул истодааст. Қотил маҷбур шуд ба дарахте боло шавад. Дид, мори бузурге аз шохаи дарахт ўро таҳдид мекунад, қотил тарсида худро ба дарё андохт. Наҳанге ўро гирифт ва тўъмаи худ сохт. Бо ин тартиб замин, ҳаво ва об— ҳама қотилро дар паноҳи худ нагирифтанд.

**Аз «Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким»**
**таҳияи М.БЕРДИЕВ.**

# Рўйдодҳои фарҳангӣ

### Ташаббус

Он дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти мадании Ўзбекистон рух медиҳанд, киноҷиён ва кормандони телевизиони давлатҳои хориҷиро бефарқ намегузоранд. Аз ҷумла, кормандони канали телевизионии Россия—«Култура» қарор додаанд, ки сар то сари Ўзбекистон сафар карда оиди ҳаёти маданӣ, одамони фидоӣ ва инсонпарвари Ўзбекистон филми ҳуҷҷатӣ ба навор гиранд. Ташаббуси онҳо қобили дастгирист.

### Шаби мақом

Дар хонаи маданияти ба номи Алишери Навоии ноҳияи Кармана таҳти шиори «Мероси мусиқии миллӣ» шаби мақом шуда гузашт. Ҳозирбудагон нафақат аз ҳунари иҷрочиёни мақом баҳра бардоштанд, балки оиди мероси пурқимати мусиқӣ — мақом ва аз ҳаёти аввалин иҷрокунандагони он воқиф гаштанд.

### Ватан муқаддас

Дар китобхонаи марказии ноҳияи Нурато дар мавзўи «Ватан чун саҷдагоҳ муқаддас» шаби адабӣ-бадеӣ ба амал омад. Дар он муаллимон, мактабиён ва аҳолӣ иштирок доштанд.

Дар он саҳнаҳо аз спектаклҳо намоиш дода сурудҳои васфкунандаи Ватан, диёри азиз иҷро карда шуд. Рақсу сурудҳое, ки аъзоёни ансамбли худфаъоли мактаб иҷро карданд, ба ҳама писанд омад.

### Конфронси навбатӣ

Конфронси навбатии илмӣ-амалии ҷумҳурӣ, ки дар Донишкадаи давлатии ба номи Абдулло Қодирии Тошканд ба амал омад, ба мавзўи «Муаммоҳои иҷрочигии асбобҳои миллӣ» бахшида шуд. Дар он муаллимони донишкадаи номбурда, Консерваторияи давлатии Ўзбекистон, коллеҷи педагогии Тошканд дар мавзўъҳои мухталиф маърўза карданд. Аз рўи баромади мутахассисони мусиқӣ, навозандагон музокира ба амал омад.

Дар охири конфронс талабагону муаллимони донишкада консерт намоиш доданд.

**Г. АБДУЛЛОЕВА.**



Хонандагони мактаби миёнаи рақами 34 ноҳияи Сайҳунобод бо компутер сару кор доранд.

**Дар акс:** омўзгор **Фотима Ҳамроева** бо онҳо машғулот мегузаронад.

**Аксбардор Р.АКАБАРАЛИЕВ.**

Муҳаммад Исмоил

## Сатрҳои муҳаббат

Шерҳо дар дили ман гиря кунанд,
Ашки худ, хандазанон, пок кунам.
Хайрбоди рўҳи исёнию ҳам,
Нобарории худ идрок кунам.

Маҳу хуршеди худо шўълаваранд,
Сўи ман низ дурахшонда нигоҳ.
То рақибонам аз он баҳра баранд,
Гўшае хор манам, пурғаму оҳ.

Руста як гул ба дили ман нимранг,
Пурзиё гарчӣ ду чашмам ин дам.
То намирад ишқи ман, медўзам,
Нигаҳи пурилтиҷо бар олам.

Рўзҳо мегузаранду гузарад,
Зи раҳи зиндагӣ умри ман ҳам.
Деҳ иҷозат, ки ақаллан як рўз,
Бизиҳам рўи ҷаҳон чун одам.

***

Дили мо, ки ба ҳам пайванд ҳастем,
Парафшон ҷуфти қудсе дар самоҳост.
Ҳамехоҳам, ки сар монам ба поят,
Вале пои ту ҳам бар арши аълост.

Фурўзон ин қадар дунё, азизам,
Ҳаёт ин гуна зебою дилороcт.
Фақат азбаски ҳамдигар шиносем,
Замину осмон бегона бо мост.

Аз оянда умеди мо калон аст,
На дар ҷон тарс аз ҳиҷрони фардост.
Ки чун ҷуфти фаришта ишқи моро,
Нигаҳбон қалби мо дар осмонҳост.

Зи умр андар фалакҳои пур аз нур,
Ҳазорон сол ду дил баҳра гиранд.
Намемирем: ду дил-ду фаришта,
Ки қудсиён, азизи ман, намиранд...

***

Меравед аз ман...
Равам аз хештан, чизе надорам.
Лолу ҳайронам, низорам —
ҳастиам вомондааст.
Нестам ман —
менадонам асли ман андар
кучое мондааст.

Нангаред аз баъди ин дигар ба пас,
хушбахт бошед —
з-орзуи ҷони ман гўянд балки қудсиён,
Ҳар замон доред, лекин дар
хаёл аз дил, ки он
Ҳар дуи мо карда гум ин
дам куҷоест ашкрезон...

**Аз ўзбекӣ тарҷумаи**
**Муҳаммад ШОДӢ.**

